«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
_____ Мирализода А.М.
«___» «___» соли 2021

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бораи диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна дар мавзӯи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна дар мавзӯи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба анҷом расидааст.

Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна соли 2003 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси “Муаллими забон ва адабиёти тоҷик” хатм кардааст.

Соли 2003 бо фармони №52 аз 05.08.2003 дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси омӯзгор таъйин карда шуд.

Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна соли 2008 бо фармоиши №10 аз 05.02.2008 дар таълими ғоибонаи шуъбаи аспирантура дохил шуда, онро соли 2012 ба фармоиши №172 аз 31.12.2012 хатм намуд.

Дар давраи омода кардани диссертатсия аспирант Ҷалилова Анварбӣ ба ҳайси ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият намудааст.

Роҳбари илмӣ Шаҳбозбек Кабиров, номзади илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Кафедра дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ зери унвони «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» чунин хулоса бароварда:

Диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ дар мавзӯи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмист, ки дорои аҳамияти назарию амалӣ ва навгониҳо аст. Муаллиф пажӯҳиши пурмуҳтаво ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дар шакли диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

Диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ дорои масъалагузориҳои ҷиддии илмӣ. хулосаю баррасиҳои далелнок ва натиҷагириҳои аниқ мебошад. Таҳқиқоти мазкур аҳамияти хоси назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар диссертатсия хусусиятҳои морфологӣ, лексикиву маъноии унсурҳои омиёна бо таҳлилу таҳқиқи амиқ фаро гирифта шудааст.

Аҳамияти назарии таҳқиқ аз он иборат аст, ки дастовардҳои илмии ин таҳқиқот дар ҳалли як қатор масоили назариявии лексикӣ, услубӣ ва услубҳои фардӣ-эҷодии шоирони дигар метавонад, ҳамчун асос ва замина хидмат намояд. Таҳқиқоти мавриди назар имкон медиҳад, ки дар оянда низ вожаҳои омиёна ва муқоисаи онҳо дар даврaҳои таърихӣ барои мардуми тоҷик ва забони тоҷикӣ баррасӣ гашта, умумияту вижагиҳои онҳо муоина гардад.

Навгонии диссертатсия. Навоварии пажӯҳиш дар он зоҳир мегардад, ки унсурҳои забони омиёна дар мисоли ашъори устод Ашӯр Сафар бори нахуст дар шакли рисола мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Саъй шудааст, ки мавқеъ ва таҳаввулоти маъноӣ, корбурди аслӣ ва манбаи вожаҳои омиёна дар иртибот бо ҳадафҳои услубӣ тасниф карда шавад. Он чи ки мавриди таваҷҷуҳ буд, бештар,

арзиши фаровони назарӣ ва амалӣ дошта, дар роҳи такмили ин навъи унсурҳои омиёна амалан ба соҳибони забон ёрӣ мерасонад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ иборатанд аз: мавқеи корбурди вожаю мафҳумҳо, ибораҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои халқӣ дар ашъор Ашӯр Сафар. Аз ин ҷиҳат, дар рисола мақсад гузошта шудааст, ки онҳоро ҳамчун унсури халқии забон таҳқиқ гардида, вижагиҳои лексикӣ, морфологӣ ва маданияти суханофаринишии он нишон дода шавад. Барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ муаллифи диссертатсия ҳангоми пажӯҳиш ва омӯзиши мавзӯъ масъалаҳои зерро баррасӣ кард:

– ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ намудани вожа ва таркибҳои омиёна, аз осори Ашӯр Сафар ва нишон додани тобишҳои маъноии онҳо;

–таъйину асоснок намудани ҷанбаи назарии мавзӯи таҳқиқ;

–инъикоси гӯиши мардуми Хатлон дар мафҳумҳои хешутаборӣ;

–ифода гардидани корбасти пасванди «*–ак*» барои ҷилоҳои услубӣ ва оҳангу тобишҳои омиёна;

– инъикос намудани хислати манфии қаҳрамонҳо бо ҷилоҳои махсуси манфӣ;

–муайян намудани муносибатҳои маъноӣ ва ҷузъҳои грамматикии ибораҳои фразеологӣ;

– нишон додани муносибатҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои фразеологии феълӣ ва хусусиятҳои онҳо;

– услуби дигаргун намудани зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва ба таври хосса истифода намудани онҳо, аз тарафи шоир;

Ба сифати маводи таҳқиқ аз маҷмӯаҳои шоир - «Самари умр», «Гули моҳтоб», «Базми садоқат», «Рӯзи сиёҳ», «Раиси Миралӣ», «Гапи подор», «Холи фатир», «Гулбоғ», «Андешаи зиндагӣ», «Хӯшаи нур», «Борони ҳидоят» ва «Девон» (мунтахаби ашъор) истифода шудааст. Ба мақсади аниқ намудани маъноҳои асосиву иловагии унсурҳои омиёна аз баъзе фарҳангу луғатҳо низ истифода намудааст.

Нуктаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод гардидааст:

– усулҳо ва баъзе аз конуниятҳои пайдоиш, рушду инкишоф, ташаккулу таҳаввули таърихии вожаҳои омиёна муқаррар карда шудаанд;

– таҳлили муқоисавии вожаҳои омиёна дар баъзе мавридҳо дар қиёс бо маҳалҳои минтақаҳои Тоҷикистон ба амал оварда шуд;

– таъсири баъзе вожаҳои омиёна ба калимаҳои умумиистеъмолӣ то ҷойе бошад, ҳам имкони мавриди баррасӣ қарор гирифт;

– вожаҳои омиёнае, ки дар ашъори Ашӯр Сафар истифода гардидаанд, баъзеашон ба захираи забони адабии муосири тоҷик дохил гардида, онро мукаммал намудаанд;

– пажӯҳишу баррасии таърихиву муқоисавии решашиносии бархе аз вожаҳои омиёна то андозае анҷом дода шуд;

Аҳамияти амалии диссертатсия. Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон барои таълими фанҳои тахассусии лингвистӣ чун лексикология, фразеология, таҳлили матни бадеӣ, услубшиносӣ истифода бурд. Ҳамчунин, натиҷаю хулосаҳои диссертатсия ба нависандагон, муаллимони забон ва адабиёт, ба тартибдиҳандагони луғатҳои шевагӣ, муҳаққиқони шевашинос, таълифи китобҳои дарсии «Таърихи забони тоҷикӣ», «Лексикология»-и мактабҳои олӣ ва таҳсилоти ҳамагонӣ ва ҳангоми гузаронидани дарсҳои махсус ва семинарҳо ёрӣ хохад расонд.

Усули таҳқиқи диссертатсияро, асосан, методи усули тасвирӣ ташкил медиҳад. Дар он унсурҳои омиёна ҳам аз нигоҳи маънӣ, муносибати забонӣ, нишонаҳои грамматикӣ ва ҳам аз лиҳози мавқеи услубӣ дар адабиёти бадеӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз методҳои лексикӣ-семантикӣ ва муқоисавӣ низ истифода шудааст, зеро методи лексикӣ-семантикии таҳқиқ имкон медиҳад, ки мавқеи унсурҳои омиёна ва тобишҳои маъноию услубии онҳо дар асари бадеӣ муайян карда шаванд. Тавассути методи муқоиса бошад, ҳам

хусусиятҳои маъноии унсурҳои омиёна ва ҳам услуби фардии адиб зимни истифодаи онҳо пурра баррасӣ мегарданд. Зарурати чунин тарзи таҳқиқи маҷмӯиро гуногунрангии мавод ва характери худи таҳқиқот тақозо намудааст.

Диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна дар мавзӯи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ тавсия дода мешавад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дар мавзӯи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» пешниҳод шудааст, барои ҳимоя тавсия дода мешавад. Автореферат (фишурда) ва таълифоти муаллиф мазмуни диссертатсияро инъикос мекунад. Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул гаштааст. Дар ҷаласа 20 нафар ҳузур дошт. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. протоколи №8 аз 28 марти соли 2020.

Раисикунанда:
мудири кафедраи забони тоҷикӣ,
д.и.ф., профессор: Ҷумъахон Алимӣ

Котиб: ассистент: Саидалиева С.

Имзои д.и.ф., профессор Ҷумъахон А.
ва Сайдалиева С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.